Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.

## ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ ба диссертатсияи Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзӯи **«Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Баъди соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолӣ тағйиротҳои зиёд ба амал омаданд. Соҳибкорони ватанӣ бештар ба савдои беруна ва воридоти молҳои гуногун машғул гардида, дар танзими ҳуқуқи гражданӣ масъалаҳои нав ба вуҷуд омаданд. Хизматрасониҳои муздноки баҳодиҳии мутобиқати мол ба стандартҳо, аудити сифат, таъсиси озмоишгоҳҳои хусусӣ, аккредитатсияи онҳо, сертификатсияи ихтиёрӣ ва ғайра мавзӯи танзими ҳуқуқи гражданӣ гардиданд. Ба худтанзимкунии сифат ва бастани шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ дар ин соҳа иҷозат дода шуд. Инҳисорикунонӣ дар ин соҳаи ҳаётан муҳим оғоз гардид. Дар робита бо ин, бояд қайд намуд, ки барои таҳлили илмии ҷанбаҳои назариявию амалии танзими ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизмат таҳияи диссертатсияи мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад.

Зарурат ба вуҷуд омадааст, ки санҷиши хусусии сифат, ҷудо намудани аккредитатсия аз сертификатсияи мутобиқати мол, бастани шартномаи баҳодиҳии мутобиқати мол, хизматрасонии музднок дар ин соҳа, аудити сифат ва ҳифзи ҳуқуқи харидор яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ эътироф карда шаванд.

Механизми ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, аз ҷумла ҳуқуқ ба сифати мол, кору хизмат ба навсозӣ ниёз дорад, ки бояд махсус ҳангоми такмили танзими ҳуқуқи гражданӣ ба назар гирифта шаванд.

Қайд намудан лозим аст, ки масъалаҳои ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли эҷоди диссертатсияи докторӣ таҳлил ва хулосабарорӣ нашудааст. Баъзе ҷанбаҳои алоҳидаи сифати мол, кор ва хизмат дар асарҳои олимони ватанӣ (Ш. М. Исмоилов, И. Ҳ. Furthermore Бобоҷонзода, Д. С. Раҳмон, М. З. Раҳимзода, Д. Ш. Сангинов ва дигарон) таҳлил шудаанд.

Оид ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии сифати мол, кору хизмат баъзе муаллифон диссертатсияҳои илмӣ дифо намудаанд (В. С. Белих, А. В. Гридин, М. В. Курепина, А. С. Панова, А. Р. Товмасян), ки сатҳи баланди назариявӣ доранд, вале хосси амалияи ҳуқуқтатбиккунӣ дар Россия мебошанд.

Асарҳои илмии дар боло зикргардида дар умум ба таҳқиқи асосҳои муносибатҳои молу мулкӣ, ба масъалаҳои қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи харидорон, инкишоф ва мукаммалгардонии он бахшида шудаанд. Дар асарҳои мавҷудаи мансуби мавзӯи баррасишаванда аз ҷониби муаллифон масъалаҳои зерин баррасӣ гардидаанд:

– таносуби ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва танзими техникӣ;

– таъминоти ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

– танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба хизматрасонии мушаххас ба истеъмолкунандагон;

– тарзҳои ҳуқуқи граждании танзими сифати мол, кору хизмат;

– стандартонӣ истеҳсоли мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;

– сертификатсияи мутобиқати мол.

Ҳамзамон, қайд менамоем, ки оид ба таҳлили сивилистии танзими ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизмат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсияи махсус вуҷуд надорад.

Мақсад ва вазифаҳои гузошташуда бо истифодаи аз маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ: диалектикӣ, расмӣ – мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ ва усулҳои оморӣ иҷро шудаанд.

Дар маҷмӯъ, истифодаи методологияи ташкили таҳқиқоти илмӣ ба пайдо намудани донишҳои нав оид ба мавзӯи таҳқиқот ва ба даст овардани дигар натиҷаи устувори илмӣ мусоидат намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, фарогирандаи сенздаҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми умумиаш 376 саҳифа мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия **«Масъалаҳои назариявии сифати мол, кор ва хизмат» (С. 24-115)** аз лиҳози бехатарии мол, тарҳи бадеии он, истифодаи маводи ҳозиразамон, зеҳни сунъӣ ва дигар унсурҳо мавриди таҳлили пурра ва хулосабарорӣ гардидааст.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол, кор ва хизмат» (С. 116-208)** аккредитатсияи субъектони танзими техникӣ, стандартонӣ, таснифоти сертификатсияи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ, эътирофи сифати мол ва дигар воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифат дар муомилоти гражданӣ таҳлил шудаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Воситаҳои таъмини ҳуқуқҳои истеъмолкунанда ба сифати мол, кор ва хизмат» (С.209-258)** бо таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ таҳлил шудааст. Муаллифи диссертатсия ҷонибдориислоҳоти соҳа, тарбия намудани кадрҳои сифатшинос, аз - байнбурдани инҳисории як мақомоти танзимкунандаи техникӣ ва ҳимояи самараноки ҳуқуқҳои граждании истеъмолкунандагон мебошад.

Дар боби чоруми диссертатсия **«Нақши ҷавобгарӣ дар таъмини сифати мол, кор ва хизмат» (С. 259-325) кушода шудааст.** Ба андешаи унвонҷӯй ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар муносибатҳои зикршуда функсияҳои муҷозотӣ, ҷубронкунӣ ва ҳуқуқбарқароркунӣ дошта, имкониятҳои он дар танзими ҳуқуқии сифати мол то ба охир пурра истифода нагардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ баён шудаанд, ки навгонӣ дошта ва дар Тоҷикистон татбиқшаванда мебошанд.

Натиҷаҳои илмии дар кор бадастомада фаҳмиши назариявиро дар соҳаи мазкур васеъ мекунад ва имконият медиҳад, ки масъалаҳои нави ба проблемаҳои ҳуқуқии сифати мол, кору хизмат алоқамандро ҳал карда шаванд. Чунин меҳисобем, ки татбиқи назариявӣ ва амалии донишҳои пайдошуда ба танзими муносибатҳои ҳуқуқи граждании ба сифати мол, кору хизмат иртиботдошта, таъсири созанда дорад.

**Аҳамияти эҷодии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки дониши ҳосилшуда ба ҳалли масъалаҳои баёншуда равона гардида, ба таъсиси асосҳои консептуалии танзими ҳуқуқии сифати мол, кору хизмат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замина мегузорад. Аз ҷониби муаллиф хулоса, муқаррарот ва тавсияҳои нав таҳия гардидааст, ҳастии воқеӣ доранд ва онҳо метавонанд ба инкишофи минбаъдаи назария ва амалияи танзими ҳуқуқи граждании сифати мол, кору хизмат мусоидат намоянд.

**Эътимоднокии диссертатсия** дар ҳақиқӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани таҳқиқот, усул ва вазифаҳои он, инъикоси воқеии масъалаҳои танзими ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизмат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили захираҳои илмию амалии соҳавӣ, амалисозии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда, ифода мегардад.

Мавзӯъ, мазмун ва натиҷаҳои илмии ба вуҷуд омада пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат доранд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда навгонӣ дошта, аз таҳлили чандинсолаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ба вуҷуд омад ва барои такмили танзими ҳуқуқи граждании сифати мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мусоидат менамояд.

Дар матни диссертатсия пайдарҳамии андеша, асоснокунии мавқеъ ва эҳтиромона баён намудани андешаи мухолиф ё радкунанда ба назар мерасад, инчунин талаботҳои қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, талаботҳои баёни иқтибос ва одоби илмӣ риоя шудаанд.

Сохтори диссертатсия ба талаботҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

Муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзӯи интихобнамудааш ҳамасола дар конференсияҳои апрелии ҷумҳуриявӣ, дар конференсияҳои байналмиллалӣ, семинарҳои илмии сатҳи гуногун ва дигар чорабиниҳои илмӣ баромад намуда, инчунин дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок намудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Мӣрзозода Парвон Зайналобудин дар мавзӯи **«Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи граждан̣ӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои бандҳои 31 – 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси интихобшуда мебошад.

**Ихтисоси илмии мушовири илмӣ: 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.**

**Мушовири илмӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор: ________________ Ғаюрзода Ш. К.**

**Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел.: 2 21 – 77 – 11, 2 – 24 – 65 – 03; www. tnu. tj**

**Имзои Ғаюрзода Ш. К. – ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ________________ Тавқиев Э. Ш.**

21. 11. 22с.